## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 178 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуръати корҳои созандагӣ, аз ҷумла бунёди роҳҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва дигар иншооти стратегӣ, ба яке аз муҳимтарин мавзуъҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа табдил ёфтааст. Ин раванд на танҳо дар амалияи давлатдорӣ, балки дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик низ бозтоби густурда пайдо кардааст. Дар ин замина осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо ҷойгоҳи махсус дошта, раванди бунёдкориҳои даврони истиқлолро бо диди иҷтимоӣ, ватандӯстона ва ҳунари баланди нигорандагӣ инъикос менамояд. Бо вуҷуди арзиши баланди мероси эҷодии адиб, то имрӯз масъалаи таҷассуми бунёди иншоотҳои азими кишвар дар публитсистикаи ӯ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода, ки ба омӯзиши ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ, хусусиятҳои жанрӣ, услубӣ ва ҳунарии осори Шералӣ Мӯсо доир ба бунёди иншоотҳои азим бахшида шудааст, аз ҷиҳати илмӣ саривақтӣ, мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ ба доираи масъалаҳои пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пурра мутобиқат менамояд. Дар диссертатсия масъалаҳои назария ва амалияи публитсистика, инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ва бунёди иншоотҳои азим дар осори публитсистӣ, инчунин масъалаҳои маҳорати эҷодӣ ва услуби нигорандагӣ дар доираи талаботи ихтисоси мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсо дар самти инъикоси бунёди иншоотҳои азим мавриди омӯзиши мукаммали илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ҳаёт ва ташаккули шахсияти эҷодии нависандаро таҳлил намуда, мавқеи корҳои бузурги созандагиро дар осори ӯ муайян кардааст. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ ва мундариҷавӣ хусусиятҳои инъикоси сохтмони роҳу нақбҳо ва Неругоҳи барқи обии Роғун

дар осори Шералӣ Мӯсо ошкор гардидаанд. Ҳамчунин таносуби воқеият ва бадеият, хусусиятҳои жанрӣ, воситаҳои тасвир ва унсурҳои публитсистию бадеӣ дар асарҳои нависанда муайян гардида, саҳми ӯ дар рушди публитсистикаи муосири тоҷик аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертант бар асоси таҳлили амиқи осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо, омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва таҳлили муҳтаво ба даст омадаанд. Хулосаҳои пешниҳодгардида мантиқӣ буда, аз маводи таҳлилшуда бармеоянд. Ҳар як натиҷа бо истинод ба интишороти илмии муаллиф асоснок гардидааст, ки аз пайдарпайӣ ва эътимоднокии корҳои анҷомшуда шаҳодат медиҳад. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 178 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар **муқаддимаи** кор мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ ва дигар бахшҳои зарурӣ муайян гардидаанд.

**Дар боби аввал «Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон»,** ки аз ду фасл иборат аст, мавриди омӯзиш қарор гирифта, омилҳои таъсиргузор ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодии публитсист баррасӣ шудаанд. **Фасли якуми боби аввал – «Таъсири омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва адабии замон дар ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо»** унвон гирифта, дар ин қисм омилҳое, ки ба шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо таъсиргузоранд, омӯзиш ва таҳқиқ шудаанд. Муаллифи диссертатсия ин омилҳоро ба се гурӯҳ – оилаву мактаб, омили касбӣ, фазо ва муҳити бевоситаи эҷодӣ ҷудо ва ба ин самт махсус таваҷҷуҳ кардааст.

Дар марҳилаи аввали ҳаёт нақши оиларо муаллиф дар шаклгирии шахсияти адиби публитсист хуб арзёбӣ мекунад, аз ҷумла дар диссертатсия зикр мегардад, ки «баҳрабардорӣ аз суҳбати мӯйсафедони деҳ, ки бисёр сода, зиндадилу чақ-чақӣ будаанд, шабҳо дар гирди сандалӣ шунидани афсонаҳои бобову бибӣ дар бораи паҳлавонон, оинаи ҷаҳоннамо ва қолини паррон шавқи ӯро ба адабиёт бедор намуда бошад ҳам, баъдтар набудани муаллими фанни адабиёт дар мактаби миёна шавқи ӯро коста, рағбаташ ба самти фанҳои

техникӣ – ҳандасаву нақшакашӣ бештар гардидааст» (Диссертатсия, с. 14). Маҳз ҳамин омил адибро ба Институти политехникии Тоҷикистон раҳнамо месозад ва аввалин матлаби ӯ зери рубрикаи «Фелетон» дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» чоп мешавад. Фазои корхонаҳои саноатӣ ва муҳити бевоситаи эҷодӣ Шералӣ Мӯсоро ба адиби сермаҳсул ва масъулиятшинос табдил медиҳад.

Дар ин фасл муаллифи диссертатсия ҳамчунин бо такя ба сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, маводди матбуоти даврӣ, мусоҳибаҳо, хотираҳо ва осори худи адиб муайян мекунад, ки ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодии Шералӣ Мӯсо дар заминаи ҳамбастагии як қатор омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабии замон ба амал омадааст. Диссертант ду давраи асосии ташаккули фаъолияти эҷодии адибро муайян месозад. Давраи аввал ба солҳои фаъолияти Шералӣ Мӯсо дар замони шӯравӣ рост омада, давраи дуюм ба марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар тааллуқ дорад. Ин даврабандӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, имконият медиҳад, ки дигаргуншавии ҷаҳонбинӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва равиши эҷодии нависанда дар заминаи тағйироти сиёсиву иҷтимоӣ таҳлил карда шавад.

**Дар фасли дуюми боби аввал – «Таснифи самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб»** рисоланавис фаъолияти эҷодии Ш. Мӯсоро ба рӯзноманигорӣ, публитсистӣ, нависандагӣ ва ҳаҷвнигорӣ ҷудо ва тариқи таҳлилу баррасиҳо вижагиҳои онҳоро муайян кардааст.

Дар ин фасл таъкид мегардад, ки муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 60-80-уми асри XX барои ташаккули бисёр адибону рӯзноманигорон заминаи мусоид фароҳам овард. Шералӣ Мӯсо низ маҳз дар ҳамин муҳит ба фаъолияти рӯзноманигорӣ оғоз намуда, тадриҷан ба яке аз публитсистони шинохтаи тоҷик табдил ёфт. Муаллифи диссертатсия дуруст баррасӣ мекунад, ки ҳамкорӣ бо рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, мулоқотҳои пайваста бо мардум, сафарҳои эҷодӣ ва иштироки мустақим дар ҳаёти истеҳсоливу иҷтимоӣ дар вусъати ҷаҳонбинӣ ва сайқали маҳорати касбии Шералӣ Мӯсо нақши муассир доштаанд. Ҳамчунин, таъсири муҳити адабӣ ба ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо бе таъсир набудааст.

Ҷиҳати дигари арзишманди ин фасл дар он аст, ки диссертант робитаи фаъолияти рӯзноманигорӣ, публитсистӣ ва нависандагии Шералӣ Мӯсоро бо далелҳои мушаххас асоснок месозад. Дар натиҷаи чунин таҳлил равшан мегардад, ки таҷрибаи чандинсолаи рӯзноманигорӣ барои ташаккули маҳорати публитсистии адиб заминаи устувор гузоштааст. Ҳамин омил боис гардидааст, ки воқеиятҳои зиндагӣ дар осори ӯ бо дараҷаи баланди воқеъбинӣ ва эътимоднокӣ инъикос ёбанд. Инчунин нақши даврони соҳибистиқлолӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии нави эҷодии Шералӣ Мӯсо кам

набудааст. Диссертант иброз медорад, ки сиёсати созандаи давлат, оғози сохтмони иншоотҳои азим, эҳёи арзишҳои миллӣ ва болоравии ҳисси ватандӯстӣ мавзуи асосии фаъолияти эҷодии нависандаро муайян намудааст. Дар ҳамин замина таваҷҷуҳи ӯ ба масъалаҳои сохтмони роҳу нақбҳо, неругоҳҳо ва дигар иншооти муҳими стратегӣ бештар гашта, осори публитсистии ӯ як андоза хусусияти ташвиқотӣ касб намудааст. Баръакси ин ҳаҷвиёти Ш. Мӯсо ба ифшои нуқси ҷомеа ва ислоҳи камбудиҳо равона гардидааст. Диссертант ҳаминро ба назар гирифта, зикр кардаст, ки дар ҳаҷвияҳои Ш. Мӯсо «бо шӯхиву зарофат хислатҳои барҷаста, баъзан камбудиҳои шахсӣ, лаҳзаҳои зиндагонии шахс бо ибораҳои духура, муболиғаҳо нишон дода шудааст. Дар онҳо танқиди тезутунд ва маҳвкунанда вуҷуд надорад» (Диссертатсия, с. 55).

Аз ҷиҳати методологӣ боби мазкур бо истифодаи усулҳои таърихиву муқоисавӣ, руҷуъи биографӣ ва таҳлили мундариҷавӣ таҳия гардидааст. Ин усулҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки робитаи байни муҳити иҷтимоӣ ва ташаккули шахсияти эҷодии адибро дар асоси маводди рӯзномаву маҷаллаҳо, осори публитсистиву бадеӣ ва амсоли ин бо далелҳои илмӣ асоснок намояд.

**Дар боби дуюми кор «Таҳлили мундариҷавии осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим»** мавзуъ, мундариҷа ва хусусиятҳои таҷассуми сохтмонҳои азими кишвар дар осори Шералӣ Мӯсо таҳлил гардида, дараҷаи инъикоси корҳои созандагии даврони истиқлол дар осори ӯ муайян шудааст. **Фасли аввали боби дуюм** ба таҳқиқи яке аз самтҳои муҳими эҷодиёти публитсистии Шералӣ Мӯсо – инъикоси масъалаи бунёди роҳу нақбҳо бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия масъалаи мазкурро ҳамчун яке аз ҷанбаҳои пурмаҳсули фаъолияти эҷодии адиб арзёбӣ намуда, онро аз дидгоҳҳои гуногуни таҳқиқӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст таъкид менамояд, ки баъди Истиқлолияти давлатӣ масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати давлатӣ мубаддал гардид. Дар ин раванд сохтмони роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо ва пулҳои муосир на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки арзиши сиёсӣ ва миллӣ низ пайдо намуд. Аз ҳамин лиҳоз, ин масъала дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо ҷойгоҳи махсус касб кардааст.

Нависанда бо иштироки мустақим дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ, мулоқот бо муҳандисон, нақбканон ва роҳсозон, инчунин мушоҳидаи саҳнаҳои меҳнат тавонистааст воқеияти сохтмонҳоро бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ инъикос намояд. Ин ҷиҳат боиси он гардидааст, ки осори ӯ бо вуҷуди ҷанбаи ҳуҷҷатӣ дорои арзиши баланди бадеӣ гардад. Нависанда

тавассути истифодаи унсурҳои бадеӣ тавонистааст маводи ҳуҷҷатиро ба асари дорои арзиши баланди адабӣ табдил диҳад. Маҳз ҳамоҳангии воқеият ва бадеият яке аз дастовардҳои асосии эҷодиёти Шералӣ Мӯсо арзёбӣ мегардад.

Муаллифи диссертатсия таваҷҷуҳи асосиро ба таҳлили қиссаи «Мардистон» ва очерки сафарии «Роҳи биҳишт» равона намудааст. Дар ҷараёни таҳлил исбот мегардад, ки ҳар ду асар масъалаи сохтмони роҳҳоро аз дидгоҳи гуногун инъикос намуда, дар онҳо, пеш аз ҳама инсон, меҳнати созанда ва масъулияти шаҳрвандӣ дар меҳвари тасвир қарор доранд.

**Фасли дуюми боби дуюм «Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар тасвири раванди бунёдкориҳо»** унвон дошта, воситаҳои таъсирбахши сухан, вежагиҳои жанрӣ дар осори фарогирандаи мавзуи бунёди иншоотҳои азим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия собит месозад, ки дар тасвири раванди сохтмони роҳҳо нависанда аз ташбеҳ, муболиға, киноя, тасвири манзара, монолог, диалог ва дигар воситаҳои бадеӣ васеъ истифода кардааст. Ин унсурҳо ба таъсирбахш гардидани муҳтавои асар ва бедор намудани эҳсоси ватандӯстӣ дар хонанда мусоидат менамоянд.

**Боби сеюми** диссертатсия – **«Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои Шералӣ Мӯсо»** аз ду фасл иборат аст.

Дар **фасли аввали боби сеюм, ки «Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб»** унвон дорад, муаллиф кӯшиш намудааст, ки робитаи ногусастании адабиёти бадеӣ ва публитсистикаро дар заминаи эҷодиёти Шералӣ Мӯсо баррасӣ ва ба ин васила хусусиятҳои инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро дар осори нависанда муайян кардааст.

Аҳаммияти илмии фасли мазкур дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи омезиши унсурҳои бадеӣ ва публитсистӣ дар эҷодиёти адиб яке аз самтҳои муҳими адабиётшиносӣ ва публитсистикашиносии муосир ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони соҳа ва таҳлили осори адиб нишон медиҳад, ки публитсистика танҳо дар жанрҳои мустақили журналистӣ маҳдуд намешавад, балки метавонад ҳамчун ҷузъи муҳими тафаккури эҷодӣ дар асарҳои бадеӣ низ зуҳур намояд. Аз таҳлили анҷомдодашуда бармеояд, ки адиб дар осори худ воқеияти зиндагиро бо нигоҳи публитсистӣ бозтоб намуда, масъалаҳои муҳими иҷтимоиро ба миён гузоштааст. Дар ин раванд истифодаи воситаҳои тасвирии бадеӣ, забони таъсирбахш, андешаҳои муаллифӣ ва арзёбии воқеаҳо ба ҳам омада, хусусияти публитсистии асарҳоро тақвият мебахшанд. Муаллиф тавонистааст нишон диҳад, ки публитсистика дар осори бадеӣ ҳамчун воситаи ифодаи мавқеи шаҳрвандӣ ва ҷаҳонбинии эҷодкор хизмат мекунад.

Ҷиҳати мусбати фасл дар он аст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ на танҳо аз диди назариявӣ, балки дар асоси мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти адиб баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои таҳлили адабӣ ва публитсистӣ хусусиятҳои мундариҷавӣ ва услубии осорро муайян намуда, ҷойгоҳи андешаи иҷтимоиро дар сохтори асарҳои бадеӣ муайян намудааст.

**Фасли дуюми боби сеюм – «Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар осори марбут ба раванди бунёдкориҳо»** аз бахшҳои муҳими таҳқиқот буда, ба омӯзиши вижагиҳои жанрӣ ва воситаҳои ҳунарии публитсистикаи Шералӣ Мӯсо доир ба бунёдкориҳои кишвар бахшида шудааст. Муаллиф на танҳо хусусиятҳои жанрии осори публитсистии адибро муайян менамояд, балки нақши воситаҳои бадеии тасвир, унсурҳои композитсионӣ, хусусиятҳои услубӣ ва маҳорати эҷодии нависандаро дар инъикоси воқеияти иҷтимоӣ таҳлил мекунад. Ин равиш имкон додааст, ки масъалаи ҳамгироии ҳунари бадеӣ ва публитсистика дар осори Шералӣ Мӯсо аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ гардад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дуруст нишон додааст, ки публитсистикаи адиб бо гуногунрангии жанрҳо, аз ҷумла мақола, очерк, лавҳа, сафарнома ва дигар анвои эҷодӣ ғанӣ буда, ҳар кадоми онҳо дар инъикоси раванди бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ нақши муассир доранд. Диссертант ба натиҷае мерасад, ки «дар осори публитсистию бадеии асарҳои марбут ба бунёди иншоотҳои азими Ш. Мӯсо жанрҳои лавҳаву очерк нисбатан бартарӣ дошта, дар аксарияти асарҳои ӯ аз қабили «Достони Роғун» ва «Мардистон» хусусиятҳои ин жанрҳо ба ҳам омезиш ёфтааст» (Диссертатсия, с. 159).

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар фасл масъалаи нақши қаҳрамонони меҳнат, муҳандисон, сохтмончиён ва дигар иштирокчиёни раванди бунёдкориҳо низ таҳлил гардидааст. Адиб бо офаридани образҳои воқеӣ ва тасвири саҳнаҳои меҳнатӣ тавонистааст ғояҳои ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва эҳсоси ифтихори миллиро дар зеҳни хонанда ташаккул диҳад.

**Хулосаи диссертатсионии** Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар 14 банд ҷамъбаст гардида, бардоштҳои илмии ӯро дар бораи мавзуъ фаро мегиранд. Ҳамзамон овардани истинод дар охири ҳар як банди хулоса ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ аз пайдарпай ва бонизом таҳқиқ шудани кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Хулосаву тавсияҳои дар кор ироагардида аз таҳлилу баррасии мавзуъ ва натиҷаву бардошти бобу фаслҳо буда, ҷанбаи пурқуввати назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он доираи таҳқиқоти назариявии публитсистикаи тоҷикро васеъ намуда, ба омӯзиши фаъолияти

яке аз публитсистони барҷастаи кишвар саҳми арзанда мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми омӯзиши таърихи публитсистикаи тоҷик, назарияи публитсистика, адабиёти муосир, тахияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва ковишҳои илмии минбаъда дар ин самт истифода шаванд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ диссертатсия ба таҳкими худшиносии миллӣ, омӯзиши арзишҳои даврони истиқлол ва тарғиби дастовардҳои бузурги созандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардида, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ муаррифӣ шудаанд, ки мутобиқати онҳо ба муҳтавои диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферат мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии диссертатсия, баъзе нуктаҳо ҷиҳати такмил пешниҳод мешаванд:

1. Хуб аст, ки дар поёни ҳар фасл муаллиф хулоса мебарорад, аммо дар баъзе аз хулосаҳои илмии ӯ таҳлил чандон тақвият дода нашудааст.

2. Ҳарчанд дар диссертатсия осори Шералӣ Мӯсо бо асарҳои Бахтиёр Муртазо ва Абдуқодири Раҳим қиёс шудааст, аммо дар бархе мавридҳо муқоисаи осори публитсист бо эҷодиёти дигар ҳамқаламони муосири тоҷик метавонист арзиши таҳлили илмии таҳқиқро боз ҳам боло барад.

3. Хуб мешуд, агар диссертант дар боби сеюми кор меъёрҳои мушаххаси муайянкунандаи ҷанбаҳои публитсистӣ дар осори бадеии Шералӣ Мӯсоро ба таври муфассалтар баррасӣ мекард. Ин тарзи корбарӣ имкон медод, ки натиҷаҳои таҳқиқ боз ҳам асоснoктар гарданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои ҷузъии имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо бар манфиати кор хоҳад буд (ниг. ба с. 22, 38, 40, 55, 68, 127).

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Дар маҷмуъ,** диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» таҳқиқоти

мустақил, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ аст ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии
факултети филологияи рус, журналистика ва
медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов А.А.
«_5_» _августи_ соли 2026

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Гулбутта хонаи 345.
Тел.: (+992) 918-62-21-21
E-mail: rtsuok@mail.ru

Имзои Раҳимов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Муовини сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Боровицкая Л.А.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.:+992 (37) 221-35-50; +992 (44) 620-42-33
E-mail: p.rektora@mail.ru
«_5_» _августи_ соли 2026